**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович
дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст

Автореферати диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар худ меҳнати илмии назаррасеро пешниҳод менамояд, ки он ба муаммои мубрами илми психологии муосир – гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон бахшида шудааст. Кори мазкур дар дараҷаи баланди илмӣ иҷро шуда, дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

Муаммои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ва таҳқиқи иҷтимоию психологии он дар синни наврасӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро шакли муайян гирифтани муносибатҳои инсонгароёна нисбат ба одамони иҳотакарда тавассути фаъолияти пешбарандаи ин зинаи синнусолӣ, яъне муошират сурат мегирад ва барои ташаккулёбии пурраи мавқеъгириҳои ҳаётӣ, худиникишофдиҳӣ ва худфаъолномаӣ мусоидат мекунад.

Мавзуи мавриди назар қароргирифта барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ниҳоят мубрам арзёбӣ мегардад, зеро он бо ҳалли мушкилоту муаммоҳои инсонгароии муносибатҳои байнишахсӣ, муошират ва нақшҳои иҷтимоӣ, ташаккули пурарзиши шахсияти наврасон алоқамандӣ дорад. Муаммои мубрами таҳсилоти ватанӣ ҳам гуманизатсияи он ба шумор меравад. Ҳалли ин муаммо аз ҳисоби дар субъектҳои раванди таълиму тарбия ташаккул додани чунин муносибатҳои байнишахсие, ки онҳо дар худ ботамкинӣ, мустақиливу масъулиятшиносӣ, худшиносии фаъол, некхоҳӣ ва муносибатҳои таҳаммулпазириро ифода мекунанд, имконпазир мегардад. Иҷтимоишавии шахс дар раванди муносибати байниҳамдигарии наврасон ҷиҳати ташаккул ёфтани гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии онҳо чун омили муҳим баромад мекунад. Муносибатҳои инсонгароёна чун асоси

муносибатҳои иҷтимоии наврасон дар тақвияти арзишҳои умумиинсонии шахсияти худшиносу фаъол саҳми калон дорад.

Диссертант зимни баррасии масъала маводҳои назариявии мувофикро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили корҳои муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсиро дар синни наврасӣ муайян кардааст, ки дар қисми назариявии кор намоён мебошад.

Дар мундариҷаи қисмати назариявии кори диссертатсионӣ фикри шахсии муҳаққиқ бамаврид омадааст, ки ин аз бевосита ворид гардидани ӯ ба моҳияти аслии масъала ва кӯшиши дарёфти роҳҳои ҳалли дурусти он дарак медиҳад.

Таҳқиқи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро бо истифода аз раҳёфти байнифаннӣ амалӣ намуда, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти наврас муҳим шуморидааст. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъро дар таҳқиқотҳои олимон баррасӣ карда, зарурати амалӣ намудани муносибати ҳамгироёнаро дар муайянкунии механизмҳои ҳамкории байнишахсӣ нишон додааст.

Ба назари ӯ раҳёфтҳои гуногуни муайянкунандаи ин механизмҳоро метавон ба ду варианти асосӣ ҷудо кард, ки қариб ҳамаи таърифҳои ошкоркунандаи мазмуни омӯзиши механизмҳои психологиро фаро мегиранд. Вазифаҳои асосии механизмҳои психологиро муҳаққиқ ҳамгироии кӯшишҳои инфиродӣ дар фаъолияти якҷоя мешуморад. Тибқи таҳлили назариявӣ нишон додааст, ки механизми ибтидоӣ ва бунёдии психологии муносибатҳои байнишахсӣ ин аз ҷониби субъектҳо интериоризатсия шудани муносибатҳои вобастагии масъулиятнок мебошад. Таҳқиқоти эмпирикӣ барои равшан кардани шароитҳои иҷтимою психологӣ ва педагогие имкон додааст, ки дар онҳо механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ самаранокии раванди хештансозии наврасро таъмин мекунад.

Автореферат дараҷаи баланди навгонии илмии таҳқиқотро собит месозад. Бори аввал механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ

дар давраи наврасӣ ошкор ва шароитҳои психологии таъминкунандаи ин механизм муайян карда шуд. Муаллиф на фақат раҳёфтҳои назариявии мавҷударо доир ба муаммои гуманизатсия ба системаи муайян даровард, балки боз барномаи аслии ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронидашударо пешниҳод намуд.

Диққати махсусро асоси назариявии тадқиқот ҷалб мекунад, ки дар худ таҳлили корҳои олимони ватаниву хориҷиро дорад. Муаллиф ба корҳои чунин психологони машҳур, ба монанди А.В. Петровский, М.Т. Ярошевский, А. Маслоу, К. Роҷерс, В. Франкл ва дигарон такя менамояд. Ин ба диссертант имконият медиҳад, ки на танҳо мубрамияти мавзуи интихобкардаро асоснок намояд, балки боз муносибату раҳёфтҳои навро барои ҳалли муаммоҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон пешниҳод кунад.

Саҳми муҳим дар илм коркард ва апробатсияи барномаи тренинг “Гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ” ба шумор меравад. Барнома силсиламашғулиятҳои рушддиҳандаро дарбар мегирад, ки ба ҳафт қисм ҷудо кардан мумкин аст: машқ, фароғат, инкишофдиҳанда, коммуникативӣ, визуализатсияи эҷодӣ, қисми ракс ва рефлексия. Ин имкон медиҳад, ки захираҳои субъективии наврасро фаъол гардонида, раванди худтарбиянамоӣ, худидоранамоӣ ва худинкишофдиҳии ӯ таҳрик дода шавад. Муаллиф инчунин оиди истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо пешкаш мекунад, ки он таҳқиқотро на фақат аз ҷиҳати назариявӣ, балки боз аз ҷиҳати амалӣ аҳаммиятнок мегардонад.

Асоси методологии таҳқиқот яке аз тарафҳои зӯри кор ба шумор меравад. Муаллиф методи диалектикии маърифаткуниро истифода мебарад ва он имконият медиҳад, ки муаммоҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро дар динамика ва байниҳамалоақанокӣ бо дигар ҳодисотҳои психологӣ дида барояд. Дар кор аз методи таҳлили адабиёт, анкетагузаронӣ, тестгузаронӣ, методикаҳои ташхисӣ истифода шудаанд, ки муносибати комплексонаро нисбати омӯзиши муаммо таъмин мекунад.

Аз ҷониби муаллиф истифода бурдани методи коркарди математикии Н-меъёри Крускал Уоллис ва коэффисиенти коррелятсияи дараҷавии Спирмен барои тасдиқи натиҷаҳои дар рафти таҳқиқоти ташхисӣ ва татбиқи барномаи инкишофдиҳанда бадастомада ҷолиби диққат аст. Ин имкон медиҳад, ки на фақат натиҷаҳои боэътимод ба даст орем, балки боз дар бораи самаранокии барномаи пешниҳодкарда хулосаҳои асоснок бароварда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллиф на танҳо барномаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро барои наврасон коркард намуд, балки апробатсияи онро дар шароитҳои воқеӣ гузаронид. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки татбиқи барномаи рушддиҳанда раванди худтарбиякунӣ, худидоракунӣ ва худинкишофдиҳии наврасро тақвият бахшид.

Муаллиф инчунин тавсияҳоро оиди амалӣ намудани натиҷаҳои бадастоварда дар раванди таҳсилот пешкаш мекунад, ки он барои фоиданок шудани корҳои психологҳо, педагогҳои таҷрибаомӯз ва равоншиносони муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд. Барномаро на фақат дар системаи таҳсилот, балки боз дар дигар ниҳодҳои иҷтимоишавӣ барои ҳалли мушкилотҳо истифода бурдан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия бо амиқии сохтор ва гузориши мантиқиаш фарқ мекунад. Кор аз муқаддима, ду боб, хулоса ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳар як қисмати кор бо якдигар мантиқан алоқадор аст, ки ба хонанда барои сабук дарк кардани мавод имкон медиҳад.

Ҷобаҷогузории корҳо ба ҳамаи талаботҳое, ки нисбати корҳои илмӣ пешкаш мегардад, мувофиқат мекунад. Муаллиф сарчашмаҳои муосири адабиётро истифода мебарад, ки он аз дараҷаи баланди тайёрии илмии диссертант шаҳодат медиҳад.

Дар хотима ҷоизи қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович таҳқиқоти илмии ҷиддиро пешниҳод менамояд ва он дар рушди илмҳои психологӣ саҳми назаррас мегузорад. Кор бо мубрамият, навгонии илмӣ, асосноккунии методологӣ ва аҳаммияти амалии худ фарқ

карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи корҳои психологҳо ва педагогҳо бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст, ки махсусан корро арзишнок мегардонад.

Автореферат ба баҳои баланд сазовор буда, барои ҳимоя тавсия кардан мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи психологияи иҷтимоӣ
ва муносибатҳои оилавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Баротова Гулчеҳра Юсуфҷоновна

5 феврали 2025 г.

Имзои дотсент Баротова Гулчеҳра Юсуфҷоновнаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.
5 феврали 2025 г.